**ПРОТОКОЛИ №88**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**03 январи соли 2026** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро, 12 нафар

**Раиси шуро:** Назаров А.Қ.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 12 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласа шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, ки мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**Баромад намуданд:** Раиси Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ., котиби илмии шуро Мирзозода Қ.Х. ва аъзои шурои диссертатсионӣ Раҳмадҷонзода Р.Р.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шаванд:
   - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Гадоев Б.С;
   - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Соибов З.М;
   - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сулаймонзода М.С.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 12 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзозода Қ.Х.**